«Тасдиқ менамоям»
Директори Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, номзади илмҳои ветеринарӣ
_____Р. А. Атовуллозода
28 январи соли 2026

Хулосаи

шуъбаи паразитологияи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад дар мавзӯи: «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» барои дарёфти доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. «Паразитология» дар пойгоҳи шуъбаи паразитологияи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва қисман дар кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

Давоми тайёр намудани рисола Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад ҳамчун докторанти (PhD)-и шуъбаи паразитологияи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Соли 2016-ум Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемурро хатм намуда, соҳиби мутахассиси тибби ветеринарӣ гаштааст.

Маълумотнома дар бораи иҷрои нақшаи таълимӣ аз тарафи шуъбаи магистратура ва докторантураи Академияи илмҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Сахимов Маҳмадамин Раҷабович, доктори илмҳои ветеринарӣ, профессори кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистан ба номи Ш.Шоҳтемур.

Бо натиҷаи таҳлили рисолаи Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмаддар

мавзӯи: «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ » чунин хулосабардорӣ намудем:

Довталаб мустақилона маводи илмиро ҷамъоварӣ намуда, асоси тадқиқоти назариявиро кори бунёдӣ доир ба омӯзиши эпизоотологияи тейлериози чорвои калони шохдор ва тарҳрезии чораҳои мубориза бо он ташкил медиҳад. Муқаррароти назариявию методологӣ, хулосаҳову тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар ҷараёни таълимии факултети тибби ветеринарии муассисаҳои олии касбӣ аз фанни паразитология ва касалиҳои инвазионии ҳайвонот истифода бурда шаванд.

Гузаронидани тадқиқоти илмӣ ва амалӣ ва таҳлили натиҷаҳои барои таҳияи кори рисолаи илмӣ ба даст оварда шудаанд. Диссертатсияи мазкур ба талаботи низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби пешниҳод ва додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мусоидат менамояд.

Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои тадқиқоти хусусӣ оид ба фауна, фенология ва биоэкологияи канаҳои иксодӣ – интиқолдиҳандагони тейлериози чорвои калони шохдор, самаранокии маводи кимиётерапевтӣ ва инсектоакарисидӣ барои табобат ва пешгирии беморӣ дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз фанҳои эпизоотологияи умумӣ, асосҳои илмӣ-амалии ветеринарӣ ва паразитологияи ветеринарӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур истифода мешаванд. Натиҷаҳои тадқиқоти мазкур оид ба омӯзиши эпизоотология, муолиҷа ва пешгирии тейлериози чорвои калони шохдор дар бисёр нашрияҳо, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмӯаҳои конференсияву семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ интишор гардидаанд.

Навгонии илмӣ. Дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ фауна, хусусиятҳои биоэкологӣ ва динамикаи мавсимии канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагони тейлериози чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногун муфассал тадқиқ карда шудаанд.

Дараҷаи сироятёбӣ аз тейлериози чорвои калони шохдор ошкор гардида, вобаста ба омӯзиши эпизоотологияи беморӣ Тоҷикистони Шимолӣ ба минтақаҳо тақсим карда шудааст.

Дар ҷанбаи муқоисавӣ самаранокии муолиҷавии як қатор маводи кимиётерапевтӣ (тейлерсан, бупакон, бупаркон) ва самаранокии инсектоакарисидии ширкатҳои ватанию хориҷӣ (диазинон, эктосан, сифлунит флок, сифлунит-ON, иверсект) дар шароити хоҷагиҳои чорводории вилояти Суғд муайян карда шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот. Асоси тадқиқоти назариявиро кори бунёдӣ доир ба омӯзиши эпизоотологияи тейлериози чорвои калони шохдор ва тарҳрезии чораҳои мубориза бо он ташкил медиҳад. Муқаррароти назариявию методологӣ, хулосаҳову тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар ҷараёни таълимии факултети тибби ветеринарии муассисаҳои олии касбӣ аз фанни паразитология ва касалиҳои инвазионии ҳайвонот истифода бурда шаванд.

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти бадастовардаи илмӣ «Тавсияҳо оид ба муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор», ки аз ҷониби Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 ноябри с.2024 (протоколи №8) тасдиқ карда шудааст ва Дастурамал оид ба истифодаи маводи дорои таъсири васеъи зиддипаразитии «Иверсект» барои табобат ва пешгирии касалиҳои инвазионии ҳайвоноти кишоварзӣ, ки аз ҷониби Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ 06 июни соли 2024 тасдиқ карда шудааст, таҳия гардидааст.

Таъйид (апробатсия)-и диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он: Натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи мавзӯи рисола ҳамасола дар Шурои олимони Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (солҳои 2022-2024), инчунин дар семинари илмию амалии минтақавии «Роҳҳои самарабахши табобат ва пешгирии бемориҳои сироятиву инвазионии чорвои кишоварзӣ ва паранда» (ш.Душанбе, 9 декабри с.2022); дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Роҳҳои рушди

устувори чорводорӣ, пешгирӣ ва табобати бемориҳои чорво» (ш.Душанбе, 17 декабри с.2022); дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Беҳбудии соҳаи ветеринарӣ ва рушди илми он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 11 апрели соли 2023); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Самаранокии парвариши ҳайвонот ва парандаи кишоварзӣ ва нақши хизматрасонии байторӣ дар таъмини бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе, 29 майи с.2023); семинари илмию амалии «Роҳҳои самарабахши пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ ва инвазионии чорвои кишоварзӣ» (ш.Ҳисор, 08 июни с.2023); дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии докторантону омӯзгорон дар мавзуи «Нақши татбиқи имкониятҳои инноватсионӣ дар ҳалли мушкилотҳои соҳаи кишоварзӣ, маориф ва илм» (ш.Душанбе, 27 апрели с.2024) ва дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Усулҳои самаранорки ташхис ва мубориза зидди бемориҳои сироятию инвазионии ҳайвонот» (ш.Душанбе, 24 майи с.2024) дарҷ гардидаанд.

Мувофиқат намудани таркиби рисола ба тахассуси илмӣ. Диссертатсияи Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад дар мавзӯи «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» таркибан ва мазмунан ва натиҷаҳои ба дастомада аз нигоҳи илмӣ, амалия ва кушодани баъзе мушкилоти соҳавӣ сари вақт мебошад. Таркиб ва нишондодҳои мазкур бо ихтисоси 4.3.6. Паразитология мувофиқат менамояд.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзӯи “Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ.”

Қисми асосии рисола дар кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дар доираи мавзӯи: «Тарҳрезии усулҳои самараноки мубориза бо паразитозҳои ҳайвонот вобаста аз ҳолати эпизоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2021-2025 мустақилона анҷом дода шудааст.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мутобиқ мебошад.

Санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот мавҷуд буда, натиҷаҳои тадқиқоти мазкур дар истеҳсолот татбиқ шуда истодаанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар иҷрои кори диссертатсионӣ аз муайян намудани ҳадаф ва интихоби усулҳои тадқиқот иборат мебошад, ки ба ӯ имкон медиҳанд дар асоси омӯзиши эпизоотология, эҷоди воситаҳои муолиҷа ва пешгирии тейлериози чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Шимолӣ чораҳои муборизаро бо ин беморӣ таҳия ва пешниҳод намояд.

Натиҷаи тадқиқот дар мақолаҳои банашрраасидае инъикос ёфтаанд, ки муаллиф дар ҳаммуаллифӣ иншо намудааст ва ҳаммуаллифон дар истифодаи натиҷаҳои якҷоя мухолиф нестанд.

Диссертатсияи Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад дар мавзӯи «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология ба бандҳои 5.1; 5.5 ва 5.11-и шиносномаи номгузории ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла байторӣ: аз рӯи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мувофиқат мекунад.

Диссертатсия дар ҳаҷми 148 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, тавсифи тадқиқоти шахсӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад.

Вобаста ба мавзӯъ ва масоили тадқиқоти диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3-таи он дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии тадқиқот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

Мақолаҳое, ки дар мачаллаҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд:

[1-М] Ҷумазода М.М. Изучение акарицидного действия цифлунит флока /М.Р.Сахимов, Ш.А.Турдиев, Ф.Ф.Рахимов, Э.Х.Искандаров, М.М.Джумазода // Кишоварз. 2020. №4 (89). С.86-88.

[2-М] Ҷумазода М.М. Борьба с кровепаразитарными болезнями крупного рогатого скота в Республике Таджикистан / М.Р. Сахимов, М.С.Зоиров, М.М.Джумазода // Кишоварз. 2023. №1 (98). 104-107.

[3-М] Ҷумазода М.М. Эпизоотологияи тейлериози чорвои калони шохдор дар шимоли Тоҷикистон/М.М.Ҷумазода // Кишоварз. 2024. №2 (103). 301-305.

Мақолаҳои дар дигар мачалаҳои даврӣ нашргардида:

[4-М] Ҷумазода М.М. Эпизоотологический мониторинг кровепаразитарных болезней крупного рогатого скота в Северном Таджикистане / М.Р.Сахимов, М.М.Ҷумазода// Сборник научных статей республиканской научно-практической конференции на тему «Инновационные технологии выращивания и защиты сельскохозяйственных культур от болезней в зависимости от изменения климата» - Душанбе, 2020.С.81-82.

[5-М] Ҷумазода М.М. Паҳншавии касалиҳои паразитии хуни чорвои калони шохдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Р.Сахимов, М.М.Ҷумазода, Э.Ҳ. Искандаров, Ф.Ф.Раҳимов// Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Заминаҳои асосии рушди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: масъала ва роҳҳои ҳалли он”- Душанбе, 2021. С.78-79.

[6-М] Ҷумазода М.М. Эффективность инсектоакарицидов при дезинсекции и дезакаризации животноводческих помещении/ М.Р.Сахимов, С.Д.Абдурахимов, М.М.Джумазода // Сборник статей республиканской научно-практической конференции “Роль диагностических, лечебных и профилактических препаратов в обеспечении биологической безопасности.- Душанбе, 2025. С.64-65.

Диссертатсия дар мавзӯи: «Тейлериози чорвои калони шохдор ва чораҳои мубориза бо он дар Тоҷикистони Шимолӣ», Ҷумазода Муҳаммадзоир Маҳмад **барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси** 4.3.6. Паразитология пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеъи Институти тибби ветеринарии АИКТ қабул карда шуд.

Иштирок карданд: 21 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -21 нафар, зид-нест.

Протоколи №1 аз 28 январи соли 2026.

Мудири шуъбаи паразитологияи
Институти тибби ветеринарии АИКТ,
номзади илмҳои ветеринарӣ Сатторов С.Ф.

Котиби илмии
Институти тибби ветеринарӣ
АИКТ, номзади илмҳои ветеринарӣ Негматов А.А.

Имзоҳои Сатторов С.Ф. ва
Негматов А.А.-ро
тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба кадрҳо
Институти тибби ветеринарии АИКТ Шабнами Р.